**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-079**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № __________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 05.07.2025, №18

Барои сазовор донистани Саидзода Дилшод Саид, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир» аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 18-уми апрели соли 2025, протоколи №8 ба ҳимоя қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 1-уми октябри соли 2024, №364 ш/д).

Довталаби дараҷаи илмӣ Саидзода Дилшод Саид 27-уми январи соли 1983 таваллуд шудааст. Ӯ соли 2006 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшинос-омӯзгор» бо дипломи аъло хатм намудааст. Аз соли 2007 то соли 2018 ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшосии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав маҳсуб меёфт. Аз соли 2018 то инҷониб ба ҳайси саромӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият менамояд. Довталаби дараҷаи илмӣ солҳои 2019-2025 унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба шумор мерафт.

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Шарифзода Лоҳутӣ Шариф -** доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, ҷонишини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Назарзода Пиралӣ Сафар** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

**Неъмонов Ҷаъфар Мулкамонович** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (ш.Хуҷанд). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби мудири кафедраи сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов К.Ҳ., ташхисгари диссертатсия, доктори илмҳои фалсафа, профессор Пӯлотов А.Ҳ. ва котиби илмии ҷаласа Саркорбобоева М.М. имзо гардидааст, қайд мешавад, ки диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир» таҳқиқоти мукаммал, дорои сохтори ягона, кори мустақилона анҷомёфта ва дорои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи Саидзода Д.С. аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ аст.

Саидзода Дилшод Саид оид ба мавзуи диссертатсия 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намудааст, ки маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд:

1. Саидзода, Д.С. Системаи идоракунии давлатӣ: ташаккул ва инкишофи назария [Матн] / Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №3. – С.289-293. ISSN 2413-5151.
2. Саидзода, Д.С. Назарияи бюрократии идоракунӣ: моҳият ва хусусиятҳо [Матн] / Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2019. – №5. – С.295-298. ISSN 2413-5151
3. Саидзода, Д.С. Идоракунии давлатӣ: шаклҳо ва методҳои муосир [Матн] / Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2020. – №3. – С.297-301. ISSN 2413-5151

4. Саидзода, Д.С. Хусусиятҳои рушди низоми идоракунии давлатӣ дар шароити муосир [Матн] / Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2021. – №1. – С.216-222. ISSN 2413-5151
5. Саидзода, Д.С. Ислоҳоти сиёсӣ заминаи муҳимми ташаккули сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Л.Ш. Шарифзода, Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2023. – №10. – С. 322-327. ISSN 2413-5151.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Нуриддинов П.Р.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад:

– Тафсилоти зиёди таърихӣ ва назариявӣ. Дар боби якум тавсифи таълимоти Арасту, Афлотун, Макиавелли ва дигарон каме муфассал ва барои як кори номзадӣ нисбатан тулонӣ шудааст. Мумкин аст бо кӯтоҳнамоии ихтисорӣ самаранокии хондан афзун гардад.

– Масъалаи далелҳои эмпирикӣ. Автореферат бештар ба назария ва методҳои таҳлилӣ такя мекунад, вале истифдаи омор, пурсишҳо ё таҳлили воқеии сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон (барои мисол пас аз соли 2010) метавонад таъсири боз ҳам мустаҳками таҳқиқотро нишон диҳад.

– Таснифоти афзалияти сиёсати давлатӣ. Дар боби принсипҳо ва методҳо таснифот хеле муфассаланд, вале дар баъзе ҳолатҳо бо мисолҳои амалӣ тақвият намеёбанд. Мисолҳои мушаххас, масалан, аз таҷрибаи ислоҳоти маъмурӣ ё сиёсати иҷтимоӣ, муассир мебуданд.

**Наимӣ И.Н.** - номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

**Сафолзода М.Қ.** – доктори илмҳои таърих, профессори филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад: Дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ба монанди истифодаи калимаи “проблема” дар саҳ 26-27 ва ибораи “Хайрияти умум” дар саҳ 16, ки онҳо, назари коршиносони дақиқро тақозо менамоянд ва ба арзёбии умумии рисола таъсир надоранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- сиёсати давлатӣ ба сифати ҳодисаи иҷтимоӣ тавсиф ва таҳлил гардида, мазмун, моҳият, навъ ва шаклҳои он бо тамоми хосиятҳои муҳимаш таҳқиқ гардида, боиси хулосагириҳои мантиқӣ қарор мегирад;
- зарурати пажӯҳиши васеи таълимоти мухталифи сиёсати давлатӣ барои фаҳми амиқ ва пурраи моҳияту мазмун ва хусусиятҳои он муқаррар карда мешавад;
- аҳаммияти умумӣ ва ҷойгоҳи махсуси сиёсати давлатӣ дар назария ва амалияи сиёсӣ муайян карда мешавад;
- принсипҳо ва меъёрҳои таҳияи сиёсати давлатӣ муайян ва мушаххас карда шудаанд;
- афзалиятҳо ва норасогиҳои принсипҳо ва меъёрҳои сиёсати давлатӣ ошкор карда шудаанд;
- самтҳои асосии таҳия ва татбиқи воқеии сиёсати давлатӣ дар шароити муосири соҳибистиқлолии Тоҷикистон омӯхта ва нишон дода шудаанд;
- мақом, нақш ва вазифаҳои ниҳодҳои давлатӣ дар таҳия ва амалисозии сиёсати давлатии Тоҷикистон муайян карда шудаанд;
- проблемаҳои асосӣ ва вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистон муқаррар гардидаанд;
- сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусиятҳои инкишофи он муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки ҳангоми таҳқиқ ва таҳлили васеи масъалаҳои ҷудогонаи мавзуи диссертатсионӣ асосан ба нуктаҳои асосию муҳимми таҳқиқоти назариявию методологӣ ва амалии муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ, олимони соҳаҳои дигари донишҳои гуманитарию иҷтимоӣ ва системаи дигари донишҳои замони муосир таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Онҳо ба масъалаҳои гуногуни мавзуи кори диссертатсионӣ пайвасти воқеӣ дошта, ҳамчун донишҳои эътирофшуда эътибори хоссаро пайдо намудаанд. Дар бештари чунин манбаъҳои таҳқиқотӣ ва рӯовариҳои назариявию арзишӣ ва аҳаммияти амалидошта системаи инкишофи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва сатҳи фаъолнокию самаранокии иштирокчиёни он инъикоси худро пайдо намудаанд. Ҳамчун унсури тарзи муносибати методологӣ дар рафти пажӯҳиш аз муносибатҳои маъмули бахши мазкури илмҳои сиёсӣ ва илмҳои ҳамҷавор ба таври васеъ истифода гардидааст. Аҳаммияти назариявию методологии масъала ва дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли он дар шароити

Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути методҳои илмии истифодашуда муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** дар рафти воқеият пайдо кардани кори диссертатсионӣ тағйироти замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва хулосагириҳои илмӣ қарор дода шудаанд. Хулосаҳои онро дар таҳқиқоти минбаъдаи сиёсати давлатӣ истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст. Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ ҳангоми омӯзиши минбаъди мазмун ва хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистон, системаи идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятии он аҳаммияти муҳим пайдо хоҳанд кард. Дар рисолаи диссертатсионӣ воқеияти ҳолатҳои зарурии ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ, системаи идоракунӣ ва самтҳои муҳимтарини рушди онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

Нишондодҳо, натиҷагириҳо ва тавсияҳои амалии кори диссертатсиониро дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои дигари ҷамъиятӣ, бахусус дар мавриди таҳияи консепсияҳо, барномаҳо ва стратегияҳои рушди дарозмуддат барои таъмини инкишофи мутаносиби низоми давлатдории Тоҷикистони муосир истифода намудан мумкин аст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои кори диссертатсиониро инчунин дар раванди таълими илмҳои сиёсӣ ва дигар соҳаҳои илмҳои ҳамҷавор дар доираи муносибати синергетикӣ истифода бурдан зарур ва аҳаммияти муҳим пайдо менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷагирӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар таҳқиқот дар асоси сарчашмаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳо дар таҳқиқот ин мухолифат надоштани онҳо бо назарияи сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илмҳои сиёсӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, дар рафти таҳқиқоти мазкур сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ ва маълумоти оморӣ истифода шудаанд, ки қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар равандҳои сиёсӣ ба даст омада, натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар** таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ифода меёбад. Кори илмии мазкур маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ - таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва шарҳи

маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

Дар маҷлиси 05-уми июли соли 2025 шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Саидзода Дилшод Саид барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ ________________/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ ________________/ Сангинов Н.Н.

**05.07.2025**